Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад
Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991)

Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

11 марти соли 2023
Шанбе
№ 20 (14928)
e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

# ЛОИҲАҲОИ СОХТМОН МУҲОКИМА ГАРДИДАНД

**Президент Шавкат Мирзиёев 10 март бо тақдимоти лоиҳаҳои сохтмон шинос гардид.**

Бо мурури рушди мамлакатамон ва бинобар талаби давр домани корҳои созандагӣ вусъат пайдо мекунад. Аз он ҷумла, дар шаҳри Тошканд бисёр объектҳои таъиноти иҷтимоиву иқтисодӣ қад рост намудаанд. Роҳбари давлат, ки ба ин масъала эътибори алоҳида медиҳад, вазифа гузошт, ки намуди меъмории пойтахт нигоҳ дошта шуда, сохтмонҳои оянда аз шаҳр берун бароварда шаванд.

Бинобар ин лоиҳаи шаҳри Тошканди Нав таҳия мегардад. Зимни тақдимот ба Президент дар бораи он маълумот пешниҳод гардид.

Бинобар лоиҳа, дар марҳалаи аввал сохтмон дар ҳудуди майдони шаш ҳазор гектар ба нақша гирифта шудааст. Минтақаҳои истиқболноки сохтмон, нақши роҳҳои асосие, ки пойтахтро бо шаҳри нав мепайвандад, бояд маркази нави маъмурӣ ва иқтисодӣ гардад. Он дар қисмати шарқии пойтахт, дар ҳудуди ноҳияҳои Юқоричирчиқ ва Ўртачирчиқ ҷойгир гардида, барои 800 ҳазор аҳолӣ муқаррар хоҳад гардид.

Дар он вазорат ва идораҳо, муассисаҳои таълими олӣ, ташкилотҳои тиббӣ, театр, китобхона, меҳмонхона, иморатҳои иқоматӣ ва боғҳо ҷойгир хоҳанд гардид.

Пешбинӣ мегардад, ки ҳудуди минтақаҳои сабз 363 гектарро ташкил менамояд.

Тавре ки маълум аст, тармими маҷмӯи Имом Бухорӣ дар вилояти Самарқанд идома дорад. Ҳоло ҳозир сохтмони иншоот анҷом ёфта, корҳои ҷузъӣ бурда мешавад. Маҷмӯа бо нақшҳои миллӣ, унсурҳои наққошӣ ва хаттотӣ оро хоҳад ёфт. Дар деворҳо матнҳои Қуръон ва ҳадис сабт меёбанд.

Бинобар ташаббуси Президент ба нақша гирифта шудааст, ки дар маҷмӯа музейи Имом Бухорӣ ташкил карда шавад. Ҳангоми тақдимот лоиҳаи консептуалии ин музей пешниҳод карда шуд.

Музей дар худ ороиши замонавӣ ва арзишҳои ғании мадании халқамонро таҷассум менамояд. Экспозитсия ба 8 ғурфа тақсим гардида, онҳо ба чунин мавзӯъҳо мисли таърихи ҳаёти пайғомбар Муҳаммад ва пайғомбарӣ, зуҳур ва рушди илми ҳадис, ҳаёт ва фаъолияти илмии Имом Бухорӣ, ҳикматҳои Имом Бухорӣ, қисми бачагона, «Ал-Ҷомеъ ас-Саҳеҳ» чун манбаи дуюм дар ислом, аҳамияти имрӯзаи мероси Имом Бухорӣ, ислоҳоти диниву маърифатӣ ва эътибор ба мероси Имом Бухорӣ дар Ўзбекистони Нав бахшида мешаванд.

Роҳбари давлат алоҳида таъкид кард, ки ҳар як ашё ва маълумоти маҷозӣ дар музей ба маърифати боздидкунандагон бояд хидмат намояд.

Дар қатори беҳсозии муҳити тиҷоратӣ дар мамлакатамон алоқаҳои савдои беруна вусъат пайдо мекунад. Бинобар ин рушди инфрасохтори гумрукногузир мебошад. Аз он ҷумла, посгоҳи гумруки «Хишткуприк» дар сарҳади Ўзбекистону Қазоқистон, ки аз тариқи он ҳар рӯз бисёр одамон равуо мекунанд, ба такмил эҳтиёҷ доранд. Барои посгоҳи гумрук сохтани маҷмӯи замонавӣ бо терминали нав, роҳҳои гузаргоҳ, мошингузорӣ, ошхонаву бунгоҳҳои тиббӣ, объектҳои савдо ва хидмати маишӣ ба нақша гирифта шудааст.

Президент супориш дод, ки дар маҷмӯа тамоми қулаиҳо барои ронандагон ва мусофирон ба вуҷуд оварда шуда, ҷараёнҳои назорати гумрук ва гузарондани бор рақамӣ гардонда шавад.

Дар тақдимот инчунин маълумот дар бораи лоиҳаҳои биноҳои нави сафоратҳои мамлакатамон дар Амороти Муттаҳидаи Араб ва Ҷумҳурии Озарбойҷон пешниҳод гардид.

**ЎзА.**

# ҲАМКОРИҲО ДОМАН ФАРОХ МЕКУНАНД

***Ҳокими вилояти Фарғона Хайрулло Бозоров як ҳайатеро аз вилояти Норини Қирғизистон таҳти раёсати ҳокими он Олтинбек Эргешов ба ҳузур пазируфт. Мақсад аз ин сафари меҳмонон асосан шиносоӣ бо фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ ва боздид аз як қатор корхонаҳои саноативу истеҳсолии он мебошад.***

Меҳмонон дар қадами аввал бо фаъолияти шабакаҳои истеҳсолӣ, технологияҳои рақамӣ ва лабораторияҳои илмии яке аз ширкатҳои бофандагии кишвар – ҶММ «Fergana global textile» шинос шуданд.

– Ин ширкат дар ояндаи наздик бренди худро дар бозори ҷаҳонӣ пайдо хоҳад кард. Зеро маҳсулоти истеҳсолнамудаи он ба тамоми андозаҳои байналмилалӣ ҷавоб дода метавонад ва аз роҳи содири ин маҳсулот дар кишварҳои зиёди хориҷӣ мӯъҷиби таваҷҷуҳи харидорони зиёд қарор хоҳад гирифт, – гуфт аз боздиди ин корхона Олтинбек Эргешов.

Боздид аз намоишгоҳи хоси маҳсулоти гуногун низ дар меҳмонон таассуроти амиқ ҳосил намуд, ки соҳибкорони вилояти Фарғона истеҳсол намудаанд. Ин маҳсулот ба сифати ашёи хоми табиӣ ва аз ҷиҳати экологӣ тоза дар бозорҳои Осиёи Марказӣ ва берун аз он муаррифӣ шудаанд.

Дар ҷараёни ин ташрифи соҳибкорони ду кишвар байни худ ҷиҳати ба роҳ мондани ҳамкорӣ чанд меморандум ба имзо расониданд. Таъкид гардид, ки маҳсулоти соҳибкорони вилояти Фарғона аз ҳар нигоҳ афзалиятҳои шоистаеро доро мебошад ва дар бозорҳои Қирғизистон низ харидорони худро пайдо кардааст.

Меҳмонон ба маҷмааи замонавии «Аспҳои водӣ»-и шаҳри Қувасой ташриф оварданд, ки барои баргузории мусобиқаҳои на танҳо ҷумҳуриявӣ, балки байналмилалии асптозӣ пешбинӣ шудааст. Дар ин ҷо парвариши аспҳои зотии сиёҳпӯсти тозӣ ба роҳ монда шудааст, ки дар мусобиқаҳои гуногун ширкат мекунанд.

Корхонаи «Art soft ceramics»-и Қувасой ба наздикӣ ба кор даромадааст ва дар он 350 нафар коргарону мутахассисон кор мекунанд. Азбаски сатҳи маҳаллисозӣ дар ин корхона ба 100 фоиз баробар шудааст, нархи маҳсулот нисбат ба маҳсулоти хориҷӣ хеле арзон мебошад.

Дар пайи он меҳмонон бо фаъолияти Ҷамъияти саҳҳомии «Квартс»-и ин шаҳр ошно шуданд. Корхонаи мазкур яке аз корхонаҳои пешқадами Осиёи Миёна буда, ба истеҳсоли зарфҳои шишагӣ ихтисос ёфтааст. Дар ин корхона низ садҳо нафар машғул ба кор буда, аз ҳисоби даромади он маишати оилаиашонро таъмин мекунанд.

– Моро боздид аз шаҳри куҳани Марғелон хеле ба ваҷд овард. Дар ин шаҳр, ғайр аз он ки ёдгориҳои зиёди таърихиву меъморӣ қомат афрохтаанд, хиёбонҳои зебову диданӣ мавҷуданд, инчунин маълум шуд, ки мардуми он ба ҳунармандӣ сахт дил бастаанд. Гузашта аз ин, татбиқи лоиҳаҳо дар минтақаҳои саноатию соҳибкории шаҳри Марғелон, бахусус фаъолияти корхонаҳои истеҳсоли пойафзор ва дастовардҳои соҳибкорони ҷавони он таваҷҷуҳи моро ба худ ҷалб намуд, – мегӯяд Олтинбек Эргешов.

Ба таъкиди ӯ соҳибкорони қирғиз метавонанд дар ин шаҳр ҳамкорони зиёд пайдо кунанд ва робитаҳои барои ҳарду тараф судманд ба роҳ монда шавад.

Корхонаи «Экокерамика» дар ноҳияи Фарғона воқеъ гаштааст. Гуфта мешавад, ки иқтидори истеҳсолии он 500 ҳазор ададро ташкил дода, 20 намуди маҳсулоти сантехникиро тавлид мекунад. Сардори корхона Салоҳиддин Юнусов ба меҳмонон дар бораи маҳсулоти гуногуни сантехникӣ маълумоти муфассал дод, ки тибқи стандартҳои аврупоӣ истеҳсол ва асосан ба хориҷи кишвар содир мешаванд.

Дар поёни ин сафар аъзои ҳайати вилояти Норин ба чунин натиҷа расиданд, ки ба роҳ мондани ҳамкориҳо бо корхонаҳои бузурги истеҳсолӣ ва субъектҳои соҳибкории Фарғона ба мақсад мувофиқ аст ва аз он ҳарду тараф танҳо бурд хоҳанд кард.

– Бо итминон арз мекунам, ки ин сафари кории мо хеле босамар буд ва дар оянда барқарор гардидани робитаҳои ҳамкорӣ барои мустаҳкам шудани риштаҳои дӯстии ду халқ ва доман фарох намудани ҳамкориҳо хеле мусоидат хоҳад кард, – изҳор намуд Олтинбек Эргешов.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**
*Вилояти ФАРҒОНА.*

***Ўзбекистони Нав – ҳамсоягии нав***

# ПАНҶ СОЛИ РУШДИ ҲАМКОРӢ, ТАҲКИМИ ДЎСТӢ

**9-10-уми марти соли 2018 ташрифи аввалини расмии Президент Ш. Мирзиёев ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал омада буд**

Ба қарибӣ аз хабари ЎзА воқиф шудам, ки вазири таҳсилоти олӣ, илм ва инноватсия Иброҳим Абдураҳмонов Сафири Фавқулода ва Мухтори Тоҷикистон дар Ўзбекистон Абдуҷаббор Раҳмонзодаро пазируфта, зимни суҳбат ду ҷониб, масъалаҳои марбут ба ҳамкориҳои тарафайн, хусусан, гузаронидани анҷуманҳои ректорони донишгоҳҳои Ўзбекистон ва Тоҷикистон ва донишҷӯён, дигар масъалаҳоро мавриди муҳокима қарор додаанд. Тибқи қарордод ин анҷуман 13-16-уми март дар шаҳри Душанбе баргузор хоҳад шуд. Ин як хабарест аз силсилахабарҳо, ки аз ҳамкориҳои бисёрҷонибаи соҳаи гуманитарии ду кишвари ҳамсоя ва ба ҳам дӯст далолат медиҳад.



Оре, солҳои охир сухан гуфтан аз хусуси ҳамкориҳо ва равобити дӯстии байни Ўзбекистону Тоҷикистон ба воқеаи маъмулӣ, одатӣ табдил ёфтааст. Имрӯзҳо дар атрофи ин мавзӯъ шукри беадад, ки соатҳо ҳарф задан мумкин. Аммо дар гузаштаи наздик бар асари ях бастани муносибату равобити ду давлат халқҳои ба ҳам наздику хешу табор аз якдигар хеле дур гашта, қариб бегона шуда буданд. Он солҳои сарсониҳо, фиғону фарёдҳои кӯҳансолону кӯдакон, азобу уқубати назди сарҳадот, мушкилоти гирифтани виза, интиқоли маҳсулоти мавриди истеъмол, таркиши минаҳо фаромӯш нашудаанд. Шахсан худи ман илоҷ наёфтам, ки ба аёдати бародари солҳои гирифтори бемори бистаришуда Шоҳсалим Муҳаббатов равам, дидор ба қиёмат монд! Кош ду-дую ним моҳи дигар зинда мемонд, ба дидораш мерасидам. Гарчанде чуноне ки Мирзо Турсунзода гуфтааст «Хонаи мо он қадар ҳам дур нест!», ростӣ, аз Тошканд то дарвозаи ҳавлии мо роҳи се соата. Аммо зодгоҳи ман ба назар аз қитъаи Амрикову Австралия ҳам дур шуда буд он солҳо! Чанд сол пеш дӯсти ҳамсабақам, яке аз олимони намоёни соҳаи физикаю кимё, профессор Сабур Абдуллоев барои иштирок дар як анҷумани байналмилалӣ мехост аз тариқи аэропорти Тошканд ба Куала-Лумпур парвоз кунад. Билети самолёт мушкиле надошт, ҷойи холӣ бисёр буд. Аммо аз сабаби он, ки визаи Ўзбекистонро дастрас карда натавонист, парвозашро аз Маскави дур ба амал баровард. Соли 2014 фарзандони оҳангсози машҳур Зиёдулло Шаҳидӣ аз Душанбе ба Тошканд омада, хеле мехостанд, ки садумин солгарди таваллуди падарашонро дар Ўзбекистон низ таҷлил намоянд, зеро мусиқии Шаҳидӣ дар чандин театри ин ҷо низ садо додааст ва худи номбурда дар шаҳри Самарқанд ба дунё омадааст, аммо фазои он замон имкон надод, ки бузургдошти ин шоҳсутуни мусиқии Шарқ дар Тошканд баргузор шавад.




Аз ин лиҳоз, на ҳазорон, балки миллионҳо нафар ӯзбекону тоҷикон аз даргоҳи Худованди меҳрубон илтиҷо мекарданд, то дарвозаҳои бастаи ду кишвар ба рӯйи якдигар боз гарданд.

...Ва ниҳоят он айёми хуш фаро расид. Президент Шавкат Мирзиёев дар рӯзҳои пурфайзу ботаровати баҳорӣ – 9-10 марти соли 2018 ба шаҳри Душанбе ташрифи расмӣ ба амал овард. Ин рӯз дар таърихи муносибатҳои ду давлат, ду халқ бо ҳарфҳои заррин сабт ёфта, дар хотири қалби мардумони мо ҳамчун айёми фаромӯшнопазиру шодибахш ҷой гирифт. Гӯё на дарвозаҳои сарҳадӣ, балки дари қалбҳоямон ба рӯйи хешони наздик кушода шуд, суханони ҳикматбори бузургон «Даркушоӣ кун, на дарбандӣ » ҷомаи амал пӯшид.

Дар аснои мулоқоти ду сарвари хирадманд Шавкат Мирзиёев ва Эмомалӣ Раҳмон якбора қариб 30 санади муҳими мавриди вусъати ҳамкориҳо ва равобити дӯстии ду мамлакат ба имзо расид ва дарҳол ба марҳилаи татбиқи амал гузаронда шуданд.

Ҳамчун журналист-муаррих ба бисёр воқеаи бузургмиқёси таърихӣ гувоҳ шудаам. Аммо бори аввал гувоҳ бар он шудам, ки дар чандин гузаргоҳи сарҳади ду давлат аз ду тараф ҳазорон инсонҳо ашки шодӣ рехта, дуои сарварони оқилу доно мекарданд, ҳатто бегонаҳо якдигарро ба оғӯш кашида, табрик менамуданд.

Инак, аз он лаҳзаҳо беш аз панҷ сол гузашт, имрӯз ҳар касе мехоҳад, ки ба дидани хешу ақрабо равад, бе ягон мушкилӣ ба ин нияти некаш муяссар мегардад. Аз дидани дидори хешу табор, дӯстон дида магар лаҳзаи хуш ҳаст? Ин ҳанӯз як иқдоми нахустин буд барои вусъати равобити дӯстии ду халқи таърихан дӯсту бародар!

Ҳоло бо иродаи сиёсии роҳбарони ду кишвар ҳамкории стратегӣ то сатҳи ҳамкории ҳампаймонӣ баромада, дар ҳамаи ҷабҳаҳои зиндагии мамлакатҳо нақшу таъсири гуворои ҳамкории тарафҳоро мебинем. Соҳаҳо бошанд, хеле зиёданд: энергетика, об, логистика, истеҳсоли чарм, металлургия, саноати кӯҳ, кишоварзӣ, дорусозӣ, хӯрокворӣ, транзити маҳсулот ва ҳоказо.

**(Давомаш дар саҳ.2).** ⇨

***Шоҳкӯчаи ба номи Шароф Рашидови шаҳри Ҷиззах ба майдони бунёдкориҳо табдил ёфтааст. Дар ин ҷо ду гузаргоҳи зеризаминӣ месозанд. Роҳи мошингарди сеқатораро ба чор қатор табдил медиҳанд.***

# БУНЁДКОРИҲО ДАР ШОҲКӮЧА

Торафт афзун ёфтани аҳолӣ ва зиёд шудани нақлиёт ин корро тақозо менамояд, мегӯянд мутахассисон. Танҳо талабаҳои мактабҳои олии ин минтақа беш аз 32 ҳазор нафарро ташкил медиҳад.

Ҳоло дар ин қисми шаҳр корҳои роҳсозӣ ҷараён доранд. Бояд гуфт, ки дар қатори ҷоруми роҳ автобусҳо ва мошинҳои ёрии таъҷилӣ ҳаракат хоҳанд кард. Дар сохтмони ду роҳи зеризаминӣ беш аз панҷоҳ нафар кору меҳнат мекунанд. Дар назар аст, ки то Иди Наврӯз имкони ҳаракати нақлиёт ба вуҷуд меояд. Ва корҳои боқимондаро то охири моҳи апрел ба анҷом мерасонанд.

**Анорбой НАЗАРОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти ҶИЗЗАХ.*

# МАҚСАД – БУЗУРГДОШТИ ҚАДРИ ИНСОН

***Дар ноҳияи Шаҳрисабзи вилояти Қашқадарё чорабинии фарҳангию маърифатие баргузор гардид, ки «Дидори се насл» ном дошта, даҳҳо нафар намояндагони касбу кори гуногунро гирдиҳам овард.***

Дар он аз се ноҳияи вилоят – Шаҳрисабз, Китоб ва Яккабоғ фахриёни меҳнат, ҷавонони ташаббускор ва намояндагони ҷамоаҳои меҳнатӣ, ки барои пешрафту ободонии рӯзгори мо дилсӯзона меҳнат мекунанд, ширкат варзиданд.

Онҳо нахуст дар саҳни ёдгории таърихии «Кӯкгумбаз» ҷамъ омаданд, ки дар ин ҳамоиш ҳокими вилояти Қашқадарё Муротҷон Азимов низ ҳузур дошт.

Сипас, аз Осорхонаи давлатии Шаҳрисабз ва маҷмӯаи таърихии «Оқсарой» дидан намуданд. Бо фаъолияти корхонаи бузурги «Оқсарой текстил компакт», ки фахри ҷумҳурӣ ба ҳисоб меравад, низ шинос гардиданд.

Мақсад аз баргузории чунин чорабинӣ бузургдошти қадри инсон буда, ба унвони соли 2023, ки «Соли қадри инсон ва таълими босифат» эълом шудааст, мувофиқат мекунад. Иштирокдорони чорабинӣ дар сари як пиёла чой аз имрӯзуояндаи дурахшони Ўзбекистони Нав суҳбатҳои гарме оростанд.

Барномаи консертии дастаҳои ҳунарӣ хеле рангин буд ва боиси хушнудии ҷамъомадагон гардид.

**Шариф ХАЛИЛ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Қашқадарё.**

# ПАНҶ СОЛИ РУШДИ ҲАМКОРӢ, ТАҲКИМИ ДӮСТӢ

(Аввалаш дар саҳ.1).

Ба рақамҳои зерин эътибор диҳед: шумораи корхонаҳои муштарак солҳои охир 10 баробар афзуда, ба беш аз 200-то расидааст. Мубодилаи мол дар соли 2017 ҳамагӣ 70 миллион долларро ташкил медод. Дар соли 2020 сарфи назар аз таъсири манфии пандемия бори аввал беш аз 500 миллион долларро ташкил дод. 2 июни соли гузашта, зимни ташрифи расмии Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Ӯзбекистон ҷамъомади Комиссияи байниҳукуматӣ ва форуми соҳибкорони ду кишвар шартномаҳои нав ба имзо расонида шуданд, ки дар натиҷаи татбиқи онҳо ҳаҷми мубодилаи мол ба 1 миллиард доллар хоҳад расид. Байни шаҳрҳои Тошканду Душанбе, вилоятҳои Фарғонаву Суғд, Сурхондарёву Хатлон ҳамкориҳои пурсамари иқтисодию тиҷоратӣ ва фарҳангӣ ба роҳ монда шудаанд. Инак, ба ин майдони ҳамкорӣ вилояти Ҷиззах низ ҷалб карда шуд. Ширкатҳои сармоягузории Ӯзбекистону Тоҷикистон лоиҳаҳои истиқболии байни ҳудудҳо ва кооператсияи саноатиро ривоҷ дода истодаанд.

Автобусҳои мусофиркашонӣ байни минтақаҳои ду кишвар равуо доранд. Гувоҳ бар он шудем, ки садҳо нафар шаҳрвандони Тоҷикистон зиёрати умраро бемалол ба воситаи фирмаҳои ӯзбекистонӣ ба амал баровarда истодаанд.

Байни Ӯзбекистон ва Тоҷикистон оид ба вусъати ҳамкориҳо дар соҳаи фарҳангию гуманитарӣ шартномаҳои зиёд ба имзо расида, дар ҳаёт татбиқ мешаванд. Хусусан, дар соҳаи сайёҳӣ, илму фан, таълим, санъат, кино ин ҳамкориҳо бемайлон боло мераванд.

Моро мероси ғании гузаштагон, осори мусиқӣ ва адабиёти беназирамон аз қадимулайём қарин карда меоянд. Дар ҳар як хонаводаи тоҷику ӯзбек намунаҳои санъати волои Шашмақом садо медиҳанд. Дар тӯю сурҳои Тошканд таронаҳои «Ушшоқи Самарқанд», «Ушшоқи Содирхон» бар ғазалҳои Зебунисо ва Мавлоно Ҷомӣ ҳаловат бурда гӯш мекунанд. Дар Донишкадаи санъати мақоми Тошканд ҷавонони тоҷикистонӣ низ таҳсил мекунанд. Ҳунарпешаи мардумии Ӯзбекистон ва Тоҷикистон Матлуба Дадабоева ҳам ба Душанбе рафта, дар Донишкадаи санъати Тоҷикистон аз хусуси Шашмақом дарс гуфта омад. Ӯзбекистон ҳамасола миқдори грантҳои таълимро барои шаҳрвандони Тоҷикистон зиёд мекунад. Байни Иттифоқи оҳангсозони Ӯзбекистону Тоҷикистон оид ба вусъати ҳамкориҳои эҷодӣ меморандум ба имзо расид. Аз рӯйдодҳои вобаста бо синамогарони ӯзбеку тоҷик ҳама бохабаранд. Рӯзҳои кинои тоҷик дар Ӯзбекистон, Рӯзҳои кинои ӯзбек дар Тоҷикистон ташкил карда шуданд. Дар бораи ду шахсияти бузург Мавлоно Ҷомӣ ва Алишери Навоӣ ба навор гирифтани филми бадеӣ оғоз ёфтааст.

Дар доираи Меморандуми ҳамкории байни Иттифоқи журналистони Ӯзбекистон ва Тоҷикистон, ки аввали моҳи майи соли 2022 дар Тошканд ба имзо расида буд, гурӯҳи даҳнафараи иборат аз сармуҳаррирони нашрия ва телевизиони Ӯзбекистон бо сарпарастии раиси Иттифоқи журналистони мамлакат озими шаҳрҳои Хуҷанду Истаравшан, Душанбею Ҳисор, Данғара шуда омаданд. Ҷавобан ба ин даҳ нафар хабарнигорони тоҷик ба Ӯзбекистон омада, бо фаъолияти ҳамкасбони худ шинос шуданд, мубодилаи таҷриба карданд. Таассуроти неки онҳоро мо дар саҳифаҳои рӯзномаҳо, репортажҳои телевизиониашон дида, рости гап, ба ин рӯзҳои хуб расидем, гуфта, ифтихор намудем. Барои эҷодгар, хусусан, хабарнигору адиб аз тараннуми дӯстиву бародарӣ дида мавзӯи ҷолиб ва пурмаъно нест ва нахоҳад буд.

Имрӯз аз хабарнигорони тоҷики Ӯзбекистон ба узвияти Иттифоқи журналистони Тоҷикистон қабул карда шудаанд. Ин гуна ҳамкориҳоро байни Иттифоқи нависандагони ду ҷумҳурӣ низ дидан мумкин. Кормандони сафорати Тоҷикистон дар Ӯзбекистон, хусусан ҷаноби сафир Абдуҷаббор Раҳмонзода аз ноҳияҳои тоҷикнишини Ӯзбекистон дидан намуда, бо фаъолияти мактабҳо ва марказҳои миллию фарҳангии тоҷикӣ мунтазам аз наздик шинос мешаванд. Воситаи муҳимтарине, ки моро ба ҳам боз ҳам қарину қариб месозад, зимни ин мулоқотҳо – китоб мебошад. Маҷаллаи тозабунёди «Дурдонаи Шарқ», ки дар Самарқанди бостонӣ ба нашр мерасад, аз тамоми равандҳои ҳамкории ду халқ дар боби адабиёт ва ҳунар гуфтугӯйҳои пурмазмунро ба анҷом мерасонад.

Хулоса, сафари расмии Президент Шавкат Мирзиёев, ки панҷ сол пеш ба Тоҷикистон, ташрифи расмии Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Ӯзбекистон моҳи августи ҳамон сол сурат гирифта буд ва ташрифҳо ва мулоқотҳои сарварони ду кишвари ҳамсояю дӯст далолат бар манфиати мардумони халқҳоямон хидмат мекунанд. Имрӯз шукр мегӯем, ки мардумони мо паҳлӯи ҳам истода, дар муҳити сулҳу амният ва осудаи минтақавӣ зиндагӣ ва эҷод менамоянд ва барои ворисони таърихи фарҳанги ғаниамон намунаи дӯстиро нишон медиҳанд.

Шукри ин дӯстиву ҳампаймониҳо кунем, то халқҳои мо дар ҷаҳони имрӯз, ки хеле ноором аст, дар фазои сулҳу осоиш зиндагӣ ба сар баранд.

**Шоқаҳҳор САЛИМОВ,**
**узви Иттифоқи журналистони Ӯзбекистон ва Тоҷикистон.**



*Дар ярмаркае, ки бо ташаббуси ҳокимияти вилояти Самарқанд, прокуратура, сарраёсати коҳиш додани камбизоатӣ ва шуғли вилоят ташкил карда шуд, 183 корхона, ташкилот ва муассисаҳо қариб бо 3 ҳазор ҷойи кор иштирок карданд.*

*Мувофиқи маълумоти сарраёсати коҳиш додани камбизоатӣ ва шуғли вилоят дар соли 2023 бояд 451,6 ҳазор нафар шаҳрванд бо кори доимӣ, 203,4 ҳазор нафар бо корҳои мавсимӣ таъмин карда, 82,4 ҳазор нафар фаъолияташро аз ҳисоби расмӣ гардондан амалӣ намояд. Ғайр аз ин, ба 13 ҳазор шаҳрванди бекоре, ки касбу ҳунар надорад, касб омӯзонда мешавад.*

*Дар ярмарка ба 268 нафар роҳхат дода шуд. 183 нафари онҳо бо шуғли доимӣ, 41 нафар ба омӯхтани касбу ҳунар ва 44 нафар ба кори ҷамъиятии пулнок равона карда шуданд.*

***Дар сурат:** лавҳа аз ярмарка.*

***Суратгир: А. ИСРОИЛОВ (ӮзА).***

# ДИДОРБИНИИ ХОТИРМОНИ СЕ АВЛОД

***Дар фароғатгоҳи хушбоду ҳавои «Марворид»-и ноҳияи Тирмиз вохӯрии се авлод бо тантана гузаронида шуд. Чунин вохӯрӣ соли ҷорӣ маротибаи дуюм гузаронида мешавад.***

Дар ҳама шаҳру навоҳии вилоят намояндагони се авлод: мӯйсафедони нуронӣ, насли миёнсол ва ҷавонони иқтидорнок ташриф фармуда, дар тадбир фаъолона ширкат варзиданд. Аз чеҳраҳои болидаи иштирокчиён мамнуният барьало ҳис карда мешуд. Зиёда аз 1500 нафар меҳмонон сари як пиёла чой дидорбинӣ намуда, суҳбатҳои самимӣ доир сохтанд. Дар вохӯрӣ ҳокими вилоят Улуғбек Қосимов ширкат варзид. Ӯ ба нурониҳо муроҷиат карда, ҳаёти ибратноки онҳо ба ҷавонон ҳамеша неру ва ғайрату шуҷоат бахшиданашро алоҳида таъкид намуд.

– Мо ҳамеша нурониҳои дуогӯйро эҳтирому эъзоз медорем. Таҷриба ва роҳи зиндагии шумо ҳамеша сармашқи кору зиндагии мост. Шумо раҳнамои мо ҳастед, – гуфт У. Қосимов.

Дар тадбир намояндагони марказҳои миллӣ-мадании тоҷикон, русҳо ва туркманҳо низ фаъол ширкат варзиданд. Дар ҳавои барномаи мусиқӣ хурду калон, марду зан рақсида, вохӯриро ба иди ҳақиқӣ табдил доданд. Ҳунарпешаи халқии Ӯзбекистон Маҳмуд Намозов бо суруду таронаҳои дилнишин табъи ҳамаро болида сохт.

**Олим ПАНҶИЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Сурхондарё.**

***Дар ноҳияи Ғузори вилояти Қашқадарё яке аз аввалинҳо шуда ба кишти пунбадона шурӯъ карданд.***

# КИШТИ ПУНБАДОНА ОҒОЗ ШУД

Вазъи мусоиди ҳавои оғози баҳори сол даҳҳо нафар мутахассисони соҳаи хоҷагии деҳотро аз гӯшаҳои мухталифи ноҳия ба хоҷагии фермерии «Хонзода Улуғбек»-и ноҳияи Ғузор гирдиҳам овард, ки онҳо таҳти як семинари таҳлилӣ бармаҳал кишт намудани пунбадона ва рӯёнидани ҳосили нисбатан баланди пахтаро муҳокима намуданд.

Дар кори семинар муовини ҳокими вилояти Қашқадарё У. Узоқов, сардори саридораи хоҷагии деҳоти вилоят О. Боймиров ва ҳокими ноҳияи Ғузор Бекзод Суюнов ширкат варзиданд. Муовини ҳокими вилоят гуфт, ки аз техникаи замонавӣ истифода бурдан, ба қоидаҳои агротехникӣ эътибори ҷиддӣ дода, ба маданияти кишту кор, омода сохтани майдонҳои кишт амал кардан боиси ҳама гуна пешрафтҳои соҳа хоҳад гашт.

Пас аз анҷоми семинар дар ноҳияи Ғузор расман иҷозат дода шуд, ки деҳқонони пахтакор ба кишти пунбадона шурӯъ кунанд. Таъкид гардид, ки соли равон дар ноҳия 344 хоҷагии фермерӣ ба 6000 гектар майдон пунбадона кишт хоҳанд намуд.

**Шариф ХАЛИЛ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» .**

# ТАРМИМУ ТАҶДИДИ РОҲҲОИ ДЕҲҚОНОБОД

***Солҳои охир барои беҳбуд бахшидани шароити зисти мардуми шаҳру ноҳияҳои дурдасти кишвар чораҳои муассире андешида мешаванд, ки боиси хурсандӣ аст.***

Ноҳияи Деҳқонободи вилояти Қашқадарё аз зумраи он мавзеъҳост, ки аз нигоҳи иқтисодӣ камтар рушд карда ва бино бар шароити ҷуғрофии худ дар бобати ободии рӯзгори мардум аз дигар ноҳияҳо дар зинаи пасттар қарор дорад. Ин ноҳия солҳои зиёд аз мадди назари роҳбарон дар канор монда буд ва гуфта мешавад, иқтисоди нисбатан заифаш ба ҳолати инфрасохтори маҳаллаҳои дур аз марказ таъсири манфӣ расонидааст. Шароити номусоиди зист боиси эътирози барҳақи сокинони деҳоти кӯҳистонӣ мешавад.

Аммо ахиран Деҳқонобод ҳам оҳиста-оҳиста симои худро тағйир медиҳад. Таъкид шудааст, ки қадами ислоҳоти иқтисодиву иҷтимоии ҳукумати ҷумҳурӣ ба ин ноҳияи дурдаст низ расида, боиси ободкориҳои зиёде мешавад. Назар ба маълумоти оморӣ, дар ноҳияи Деҳқонобод ҳудуди 2 ҳазор километр роҳҳо ҷой гирифтаанд, ки аз ин миқдор 460 километр роҳҳои хокӣ мебошанд. Соли 2022 қарори Президент ба имзо расида буд, ки тибқи он 460 километр роҳи вайрон аз нав тармим хоҳанд гашт. Бо қарори раҳбари давлат соли равон роҳҳои дохилии 20 маҳаллаи ноҳия мумфарш ва роҳҳои 23 маҳаллаи дигар бо роҳи ҳашар сангфарш хоҳанд шуд. То ҳол зиёдтар аз 70 пули вайрона, ки пайваста ба рафту ойи мардум халал мерасонд, таъмир шудааст. Чандин кӯпруки дигар дар нақшаи тармими кулл қарор доранд ва то охири сол бонавбат намуди замонавӣ хоҳанд гирифт.

Бояд таъкид кард, ки ба қарибӣ Президент ба вилояти Қашқадарё ташриф оварда, дар радифи шиносоӣ бо рафти ислоҳоти иқтисодиву иҷтимоӣ муаммоҳои ҷойдоштаро низ омӯхт. Дар маҷлиси ҷамъбастӣ ҳокими ноҳияи Деҳқонобод Зойир Алиқулов аз раҳбари давлат хоҳиш намуда буд, ки Деҳқонободро бо техникаи замонавии роҳсозӣ таъмин созад. Ба гуфтаи ӯ, дар ноҳия ба азнавсозиву тармими роҳҳои дохилии маҳаллаҳо азм кардаанд, ки набудани техникаи зарурӣ ба суръати корҳо халал мерасонанд. Сухангӯи дафтари матбуотии ноҳия гуфт, ки ҳоло аз ҳисоби буҷаи ҷумҳурӣ техникаву таҷҳизоти дархостӣ ба Деҳқонобод расида, ба ташкилоти мутасаддии роҳсозӣ супорида шудааст.

**Шариф ХАЛИЛ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Қашқадарё.**

## ХАБАРҲО

### ДАР ПАЛАТАИ ҚОНУНГУЗОРИИ ОЛИЙ МАҶЛИС

***Дар ҷамъомади навбатии Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис қонун дар бораи таҳрири нави Конститутсияи Ӯзбекистон қабул гардид.***

Миқдори моддаҳо аз 128-тои дар амал ба 155-то, адади меъёрҳо бошад, аз 275 ба 434-то зиёд гашт.

Матни Конститутсия 65 фоиз нав шудааст. Бинобар ҳамин номи ҳуҷҷат на «Дигаргунӣ ва иловаҳо ба Конститутсия», балки «Конститутсия дар таҳрири нав» мебошад.

### ТАЪСИРИ ТАҲДИДҲОИ БЕРУНӢ БА ИҚТИСОДИЁТ

***Маълум, ки сабзиши иқтисодӣ нафақат ба тараққиёти соҳаҳои иқтисодиёту саноати дохилӣ, балки то андозае ба таъсирҳои берунӣ низ вобастагӣ дорад.***

Мо дар шароити мураккаб умр ба сар мебарем. Дар қисмате аз кишварҳои дунё ноором аст. Зарбаҳои глобалӣ ва ноаниқиҳо дар пешравии иқтисодӣ дар тамоми дунё ҳис мешавад. Бо вуҷуди ҳамин, тавре Вазорати иқтисодиёт ва молия изҳор медорад, муташаккилӣ дар буҷаи давлатии имсолаи мо ба назар мерасад.

Вазорати зикршуда нашри хабарии «Буҷа барои шаҳрвандон»-ро барои соли 2023 дастраси умум гардонд, ки дар он аз ҳамин хусус сухан меравад. Нашр ба туфайли таҳдидҳои берунӣ назар ба нақша бо суръати пасттар сабзидани иқтисодиётро алоҳида таъкид намудааст. Чунончи, соли гузашта сабзиши иқтисодии Ӯзбекистон 5,6 фоизро ташкил карда бошад, дар соли 2023 то 5,3 фоиз фуромадани он тахмин карда мешавад. Дар солҳои минбаъда бошад, ба барқарории фаъолнокии иқтисодӣ (то 6 фоиз) умед бастан мумкин.

### САФАР ДАР ВАТАН

***«Сафар дар Ватан» низ аҷаб гаште дорад. Ҳамдиёронамон баробари шаҳрҳои таърихии ин сарзамин ба мавзеъҳое ҳам, ки табиати нотакрор доранд, сайру саёҳат ташкил менамоянд.***

Назар ба маълумотҳое, ки ба мо дастрас шуданд, дар давоми соли 2022 дар доираи «Ба сартосари Ӯзбекистон саёҳат намо» 11 миллиону 435 ҳазор нафар дар сайёҳии дохилӣ иштирок намудаанд. Ин назар ба соли 2021-ум 1,9 баробар зиёд аст.

Аз ҷумла, 700,1 ҳазор нафар саёҳати ҷамоаҳои меҳнатӣ ба назар расидааст.

Саёҳати занону духтароне, ки дар «Дафтари бонувон» номнависанд, 37, 9 ҳазор нафарро фаро гирифтааст. Саёҳати ҷавонон ва нурониён бошад – 588,3 ҳазор нафар.

**М. ШОДИЕВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**



# ПАХТАКОРӢ САР ШУД

***Барвақт омадани фасли баҳор деҳқононро водор месозад, ки ба маъракаи киштукор дер намонанд ва аз ҳавои мӯътадили бе бориш самаранок истифода баранд. 8-Марти соли ҷорӣ – Рӯзи байналмилалии занон ва духтарон табиат низ намуди идона гирифт. Дарахтони бодому зардолу гулпӯш гашта, ба гирду атроф ҳусни дилкаш, ҷозибаи нотакрор бахшиданд.***

Пахтакорони диловари хоҷагии фермерии «Шариф Мирзо»-и ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Работак»-и ноҳияи Бухоро бошанд дар ин рӯзи муборак бахшида ба маъракаи пахтакорӣ семинар гузарониданд. Ба ин муносибат дар ин ҷо роҳбарони секторҳои вилоятию ноҳиявӣ, ҷонишинони ҳокими ноҳия, масъулони ташкилоту корхонаҳои дахлдор, кластерҳои пахтаю бофандагӣ, олимону мутахассисон, фермерон ташриф оварданд. Дар семинари аёнию амалӣ қоидаҳои агротехникаи пахтакорӣ дар зери плёнка ва ҳавои кушод, истифода аз техника ва ғайра муҳокима гардид. Таъкид ёфт, ҳангоме ки гармии ҳаво дар чуқурии 10 сантиметр ба 13-14 дараҷа мерасад, ин барои кишти пахта вақти муносиб аст. Дар тадбир таъкид ёфт, ки иқлим ва таркиби хоки Бухоро аз дигар минтақаҳо фарқи ҷиддӣ дорад. Намнокии қитъаҳо кам нашуда кишти пахтакорӣ хеле муҳим аст. Таҷриба нишон медиҳад, ки дар шароити вилоят кошта шудани навъҳои пешпази «Бухоро-102», «Бухоро-10» («Сардор»), «Порлоқ», инчунин навъҳои маҳалликунонидашудаи «Бухоро-6», «Бухоро-8» ба мақсад мувофиқ аст.

Имсол дар вилоят дар 96 ҳазору 220 гектар майдон пахта корида мешавад. Бо ин мақсад байни 11 кластери пахтаю бофандагӣ ва 3 ҳазору 38 хоҷагии фермерии ноҳияҳо шартнома таҳия ёфтааст.

Дар давраи киштукор дар вилоят 142 штаб ва 146 отряд амал мекунад. Ба онҳо бештар аз ҳазор техника, 137 устохонаи сайёр, 133 техникаи таъминоти сӯзишворӣ, 350 сеялкаи сермаҳсул кӯмак мерасонанд. Аз ҷумла 251 техникаи «CASE-1200» дар 19 ҳазору 84-то контур пахта мекорад.

Иштироккунандагони семинар ба намоиши техникаи пахтакорӣ низ шинос шуданд. Баъди эҳсон ва фотиҳаи хайр дар хоҷагӣ пахтакорӣ оғоз ёфт.

Чунин тадбир дар ноҳияи Рометан низ ба амал омад.

**Амрулло АВЕЗОВ,**
**мухбири «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.**

*Аниси кунҷи танҳоӣ*

# ИШТИРОКДОРОНИ ФАЪОЛ МУКОФОТОНИДА ШУДАНД

***Дар Донишгоҳи давлатии Самарқанд ба номи Шароф Рашидов як гурӯҳ китобхонҳои самарқандӣ, ки дар зинаи ҷумҳуриявии озмуни «Китобхони ҷавон» фаъол иштирок карда, натиҷаҳои назаррасро ба даст овардаанд, бо тӯҳфаҳои қиматбаҳо мукофотонида шуданд.***

Дар чорабинӣ, ки бо ташаббуси ҳокимияти вилоят гузаронида шуд, ректори донишгоҳ Р. Холмуродов, раиси Шӯрои ҷамоатии нурониёни вилоят Ш.Неъматов, роҳбари шуъбаи вилоятии Иттифоқи нависандагони Ӯзбекистон Т.Тугалов ва дигарон дар бораи корҳое, ки дар роҳи афзун сохтани муҳаббати ҷавонон ба китоб, тарғиби китобхонӣ дар мамлакат амалӣ мегарданд, ҳарф зада, иштирокдорони озмун, устод ва волидони онҳоро табрик карданд.

– Озмуни «Китобхони ҷавон» барои омӯхтани мероси гаронбаҳои илмию адабӣ ва таърихии ниёгон, пос доштани арзишҳои миллӣ, инчунин, дар рӯҳи ватандӯстию худшиносӣ тарбия намудани ҷавонон аҳамияти муҳим дорад, – гуфт декани факултети филология Азамат Пардаев. – Донишҷӯйи факултети мо Марҳабо Маҳкамтошева ғолиби озмун гардида, туҳфаи Президент – автомобили «Спарк»-ро ба даст овард, ки ин боиси ифтихори мост.

– Дар озмун бори чорум иштирок кардам ва ниҳоят талошу ҳаракатҳоям самара дод, – гуфт Марҳабо Маҳкамтошева. – Дар рафти омодагӣ ба зинаи ҷумҳуриявии озмун адабиётҳои пешниҳодшударо дубораву себора хондам. Ҳар гоҳе онҳоро такрор мехондам, маъно ва мазмуни навро идрок менамудам. Муносибатам ба ҳаёт, воқеаҳои гирду атроф тағйир меёфт. Дар пирӯзии ман хидматҳои падару модарам ва устодонам калон аст, ки маро пайваста дастгирӣ карданд ва роҳнамоӣ намуданд.

Дар доираи тадбир ғолиби зинаи ҷумҳуриявии озмуни «Китобхони ҷавон» Марҳабо Маҳкамтошева, ҷоизадори ҷойи дуюми озмун миёни иштирокдорони синни 20-30-сола Ирода Сафоеваи нарпаӣ, Моҳинур Мухтороваи нурободӣ, ки дар байни иштирокдорони тоифаи 10-14-солаи озмун фаъол иштирок кардааст, бо тӯҳфаҳо ва падару модарони онҳо бо ташаккурномаи ҳокимияти вилоят мукофотонида шуданд.

– Иштирок дар зинаи ҷумҳуриявии озмун бароям бахти бузург аст, – иброз дошт Моҳинур Мухторова. – Бо баҳонаи озмун бисёр китоб мутолиа кардам. Баъзе китобҳоро дубора хондам. Пас аз китобхонии пайваста пай бурдам, ки мутолиа хотираро мустаҳкам карда, ҷаҳонбиниро васеъ менамояд. Ният дорам, соли оянда низ иштирок кунам ва монанди Марҳабо пирӯз гардам.

Дар доираи тадбир ғолибони озмуни видеонаворҳои «Китобхонаи шахсии ман», ки бо мақсади тарғиби китобхонӣ миёни донишҷӯҷавонон ва дастгирии китобхонҳо дар донишгоҳ гузаронида шуд, мукофотонида шуданд.

**Дилафрӯз ҲАМРОЕВА,**
**донишҷӯи Донишкадаи омӯзгории Ӯзбекистон – Финландия.**

Имрӯз – Рӯзи матбуоти тоҷик

# «БУХОРОИ ШАРИФ» – МАНБАИ МУҲИМИ ТАЪРИХӢ

«Ворисони ориёиҳо, ки то ба имрӯз мавҷудияти худро дар кишвари Туркистон нигоҳ медоранд, тоҷикон мебошанд. Онҳо аҳолии таҳҷоии зироаткори ҳавзаҳои дарёи Ому ва Сирдарё, ҳамчунин то Таримро дар Туркистони Шарқӣ ташкил медиҳанд».(- Хаников Н. Записки по этнографии Персии. М., 1977, саҳ. 278). Ҳамин муаллиф дар мақолаи «О таджиках» аз Омалиус иқтибосе меоварад: «... забони ориёиҳо, ки лингвистон ба гурӯҳи ҳиндуаврупоиҳо нисбат медиҳанд, дар паҳнои Эрон ва Туркистон пайдо ва ташаккул ёфта, ба назарам, аз он ҷо ба Ҳиндустон ва Аврупо рафта, густариш ёфтааст». (Таджики в источниках и трудах исследователей (материалы по истории таджиков). Душанбе, «Дониш», 2018, саҳ. 55. Минбаъд дар иқтибосҳо аз ин китоб танҳо саҳифаи он гузошта мешавад). Муаррихи варзида А. Шишов хулосаҳои болоиро тақвият бахшидааст: «Гаҳвораи қабилаҳои ориёӣ баландкӯҳҳои Помир буда, аз ин ҷо ба самтҳои гуногун паҳн шудаанд». (саҳ. 237). Шарқшинос ва муаррихи шинохта В. В. Бартолд собит намудааст, ки аҳолии таҳҷоии кишвари Туркистон эронитабор мебошанд. Маданияти пешрафтаи суғдиён, хоразмиҳо ва бохтариҳо, ки аз оилаи форсизабонҳо будаанд, шаҳодати ҳол аст. (саҳ. 191).



Мардумшиносу кишваршиносон ва таърихшиносон А.Д. Гребинкина, Л. Н. Соболев, Ф. А. Миддендорф, А. А.Семёнов, В. И. Кушелевский, С. Маславский ва дигар муҳаққиқон хулосаҳои болоиро пайравӣ ва тақвият бахшидаанд.

Тоҷикон мансуб ба нажоди ориёӣ будаанд. Пас ориёиҳо кистанд ва Ориёно чӣ моҳияте дорад? Ориёӣ аз вожаи авестоии «arya» ва эронии «airya» баромада, маънояш «тоза», «пок», «асилзода» аст. Тибқи маълумотҳо дар замонҳои қадим ориёиҳо ҷамъияти ягонаи этникиро ташкил медоданд, яъне як халқ буданд, ба як забон гап мезаданд ва дар як сарзамин зиндагӣ мекарданд. Тақрибан дар асрҳои XX ва X пеш аз милод онҳо ба ду шоха ҷудо мешаванд. Яке аз онҳо ба Ҳиндустон кӯчида, дар он ҷо Ведҳоро таълиф карданд. Гурӯҳи дуюм дар Осиёи Марказӣ ва Эрони Шарқӣ маскан гирифта, зиндагӣ мекарданд ва «Авасто»-ро офариданд. Мувофиқи сарчашмаҳо қадимтарин ва аввалин сулолаи подшоҳони ориёӣ сулолаи Пешдодиён будааст.

Бо гузашти замон қисме аз онҳо ба сарзаминҳои Рус, Аврупо рафтаанд. Ва мардуми ин сарзаминҳо худро ориёинажод мегӯянд. Ҳар чанд олимон собит кардаанд, ки забони мардуми номбурда решаи ягона дорад, бо мурури замон ва набудани алоқа байни ҳамдигар шеваи дигар пайдо мекунад ва зери таъсири омилҳои табиӣ симои онҳо низ то андозае тағир ёфтааст. Аҷдодони бевоситаи тоҷикон бохтариҳо, суғдиён, хоразмиён, портҳо, модҳо, халқҳои саҳронишини сакоиҳову скифҳо форсизабон буданд, ба нажоди ориёӣ мутааллиқ мебошанд.

»Ориёно» маънои кишвари ориёиҳоро дорад, яъне он сарзаминҳое, ки онҳо он ҷо буду бош доштанд. Ориёно заминҳои соҳили чапи Сирдарё ва баъдтар заминҳои соҳили чапи дарёи Ому, сарзамини имрӯзаи Туркманистони ҷанубу ғарбӣ ва Афғонистону Эронро дарбар мегирифт. Номи кунунии Эрон аз вожаи «Орин», яъне «Ориёно» падид омадааст.

Мақсад аз нигориши ин сатрҳо таҳлилу баррасии таърихи ориёиҳо набуда, ба хонандаи закӣ рӯнамоии сарчашмаест, ки олими олмонӣ доктор Аспикул зимни заҳмати зиёд ба хондани он комёб гардидааст. Мутолиаи нахустрӯзномаи форсии тоҷикии аморати Бухоро гузорише дар «Бухорои шариф» оиди ориёиҳо хеле ҷолиб буд. Дар мақолаи «Забони иройӣ ё орин» омадааст, ки доктор Аспикули олмонӣ дар соли 1868 ба фаҳмидан ва кашфи сарфу наҳви хати мехӣ, ки дар ҳаволии Истахр (ё Персополис), ки феълан бо тахти Ҷамшед маъруф ва наздики шаҳри Шероз воқеъ аст, муваффақ гардид». («Бухорои шариф», № 26 аз 10 апрели соли 1912). Омадааст, ки муаллиф дар омӯзиши забони ориёиҳо дар Туркистон, Мовароуннаҳр, Афғонистон, Ҳиндустон ва Эрон китобҳои зиёдеро оиди забони ориёӣ ҷамъоварӣ намуда, ба хондани «забони «пашқ»-и афғони қадим, санскрити ҳиндӣ ва паҳлавӣ муваффақ шудааст. Аспикули олмонӣ забони ориёӣ, ки саросари оламро фаро гирифтааст, бо шохаҳояш муайян намуда, пешкаши хонанда намудааст. Ин кашфиёти олим сарчашма ва кори муҳими илмӣ дар омӯзиши забони ориёӣ мебошад. Ӯ шуъба (шоха)-ҳои забони бузургворро, ки баъд аз тафриқааш аз манбаъ (макон)-и аслӣ, ки навоҳии кӯҳи Помири ҳолия буд, ба сурати як шаҷара тадқиқ намудааст. Шохаҳои забони ориёи имрӯз тамоми олами маданиятро аз мояи илм ва амал ва ҷидду ҷаҳди худ сарсабзу шодоб намудаанд. Муаллиф собит дорад, ки мардуми Эрон, Афғонистон ва Мовароуннаҳр аз нажоди ироиҳо буда, мутакаллим ба ҳамин забон мебошанд, ба истиснои Чин, Ҷопон, олами Усмонӣ, Маҷор, баъзе аз давлатҳои ҷануби Африқо ва тамоми қитъаи Африқо.

Доктор Аспикул аҳолии сарзамини Рус ва Аврупоро низ ориёинажод муаррифӣ кардааст. Кашшофи хати қадимаи мехии орин доктор Аспикул шаҷараи шохаҳои машҳури забони ироӣ ё оринро дар намуди дарахт омода сохтааст (дар сурат).

Дар поёни гузориш аз забонҳои санскрит, лотинӣ, форсӣ, русӣ, англисӣ ва банголӣ чанд калимае оварда шудааст, ки шабоҳати ин забонҳоро собит мекунад, яъне чандин ҳазор сол қабл онҳо яке буда, баъд бо мурури зуҳур ба ҷиҳати сардӣ ва гармӣ маскуни тафовут дар лаҳҷаҳо пайдо шудааст.

Ҳамин тариқ, мушоҳида мешавад, ки забони тоҷикӣ дар ин шаҷараи номҳои ориёӣ дучор намешавад. Профессор С. Бобомуллоев ба хулосае омадааст, ки «то асри XVI, яъне то ба сари ҳокимият омадани сулолаи Сафавиҳо ҳамаи мардуми эронинажод, ки ба забони форсӣ гап мезаданд, дар манбаъҳо бештар бо номи «тоҷик» ёдоварӣ карда мешаванд». (Таджики в источниках и трудах исследователей. Душанбе, «Истеъдод», 2013, саҳ. 278). Нахустрӯзномаи аморати Бухоро «Бухорои шариф» ба забони форсӣ нашр мешуд. Забони форсӣ дар Бухоро аз аҳди Сомониён то соли 1924 забони давлатӣ буд. Забони давлатии Республикаи Халқӣ-Советии Бухоро низ забони форсӣ буд. То ҳол аҳолии шаҳри Нурато забони форсиро чун забони модарӣ мепазиранд. Пас мо тоҷик ҳастем, забони модариамон форсӣ аст.

**Ӯзбакбойи РАҲМОН,**
*ноҳияи Нуратои вилояти НАВОӢ.*



# ДАР ОЛМОН САНЪАТИ ШАШМАҚОМ МУАРРИФӢ ШУД

***Дар шаҳри Лимесхайн (замини федералии Гессен)-и Олмон консерти шашамақом ва рӯнамоии мусиқӣ, фарҳанг ва санъати миллии Ӯзбекистон баргузор шуд.***

Чорабинӣ аз ҷониби консулгарии генералии Ӯзбекистон дар Франкфурти лаби Майн ва созмони ғайридавлативу ғайритиҷоратии ӯзбекистонию олмонӣ «Yuzuke.v.», ҳамчунин ансамбли миллии «Gulzoda» ташкил гардид. Ҳаводорони санъат ва мусиқии созию овозӣ, ҷомеаи шаҳри номбурда, ҳамчунин ҳамватанони мо дар Олмон меҳмонони шабнишинӣ буданд.

Дар доираи консерт ба ҳозирон дар бораи мероси ғановатманди таърихиву фарҳангӣ ва маънавии халқ, рушди кунунии маданият ва санъати кишвари мо маълумот дода шуд. Аз ҷумла, муаррифии ёдгориҳои меъморӣ, санъати тасвирӣ ва рақсҳои миллӣ ба амал омад.

Дар барномаи консертӣ асарҳои мусиқии классикӣ дар иҷрои овозхони соҳибистеъдод Гулзода Худойқулова, ҳамчунин рақсҳои миллӣ ҷой доштанд. Иштирокдорон бо қаноатмандӣ аз палав, ки махсус дар доираи чорабинӣ омода карда шудааст, лаззат бурданд.

Мусиқӣ ва ошхонаи миллӣ ба меҳмонон писанд омад.

**Омӯзгори мактаби олмонӣ Йенс ХАЙН:**

– Ман мухлиси ашаддии мусиқӣ ва маданияти миллии Ӯзбекистон мебошам. Боре дар доираи барномаи мубодила дар соҳаи таълим аз тамошои Ӯзбекистон баҳраманд шудаам. Аз сафар ба кишвари зебои шумо хотираи хуб дорам, ба ман меҳмондӯстӣ ва муносибати дӯстонаи мардуматон писанд омад. Имрӯз ман бори дигар имкон доштам аз ин муҳит баҳраманд бошам. Оҳангҳо дар иҷрои ансамбли «Gulzoda» хеле ҷаззоб буданд, бинобар ин сазовори баҳои баланди шунавандагон шуданд. Ташкилоти мо бо дастгирии чорабиниҳои байналмилалии фарҳангӣ машғул аст. Ман аз он ки бо Ӯзбекистон ҳамкорӣ дорам, хеле хурсандам.

**Меҳмонон Самира Маданӣ ва Ҳамид ГАНҶӢ:**

– Шоми шумо ба хайр. Мо аз Эрон мебошем ва дар Олмон кор мекунем. Вақте шунидем, ки чорабиние бахшида ба маданияти Ӯзбекистон баргузор мегардад, зуд ба ин ҷо омадем. Зеро Ӯзбекистон ва Эрон қаробатҳои зиёд доранд, решаҳои таърихӣ ва маънавиашон ягонаанд. Мо дар ин ҷо бисёр чизҳои нав ва рағбатнокро дида, ба ҳайрат омадем. Мусиқа, маданият ва ошхонаи Ӯзбекистон хеле ғанӣ мебошанд, мо қарор додем, ки ҳангоми сафар ба Ӯзбекистон бо онҳо аз наздик шинос шавем. Ба мо дар ин ҷо ҳама чиз писанд буд, ташаккури зиёд.

**Корманди бонки «DeutscheBorseFrankfurt» Ханс ЛАНТС:**

– Ба ман консерти имрӯзаи мусиқии Ӯзбекистон бо сарулибос ва асбобҳои мусиқии миллӣ хеле маъқул шуданд. Мушоҳида мешавад, ки ҳам ҳунарпешагон ва ҳам созмондиҳандагони ин шоми зебо хеле саъю кӯшиш кардаанд. Мо дар ин ҷо бо таърих, фарҳанг ва ошхонаи миллии Ӯзбекистон шинос шудем. Ҳамааш хеле зебо ва шавқовар буд. Бовар дорам, ки пас аз ин чорабинӣ бисёриҳо майли сафар ба Ӯзбекистон мекунанд. Барои даъват ташаккури зиёд, ман аз консерт қаноатмандии бузург ҳосил кардам.

**АИ «Дунё»,**
*шаҳри ФРАНКФУРТИ лаби МАЙН.*



*Чун дигар соҳаҳо дар самти таълими томактабии кишвар низислоҳоти васеъмиқёс ба амал бароварда мешавад. Ин аст, ки фарогирии фарзандон ба боғчаҳои бачагона сол аз сол меафзояд. Махсусан, дар шаҳри Зарафшони вилояти Навоӣ ин нишондод ба сад фоиз расидааст.*

*Алҳол дар 38 муассисаи таълими томактабии ҳудуд 7 ҳазору 147 нафар кӯдакон таълиму тарбия мегиранд. Ғайр аз машғулоти ҳаррӯза маҳфилҳои шашкаву шоҳмот, гимнастикаи бадеӣ низ фаъолият мебарад. Шароити фароҳамовардашуда баҳри гирифтани таълими босифати кӯдакон ва сиҳатманд ба воя расидани онҳо нагаронида шудааст.*

***Дар сурат:** дар яке аз муассисаҳои таълими томактабии шаҳри Зарафшон.*

***Суратгир: С. АСЛОНОВ (ӮзА).***

Пажӯҳиш

# ТАСВИРИ ИШҚ ДАР АШЪОРИ МАВЛАВӢ ВА СИПЕҲРӢ

Мавлоно Ҷалолиддин Муҳаммади Балхии Румӣ аз бузургтарин донишмандони маърифати ҷаҳони ислом ва адабиёти форсӣ-тоҷикӣ аст, ки осор ва андешаҳои арзишмандро тақдими ҷомеаи башарӣ кардааст. Дидгоҳи Мавлоно ва Суҳроби Сипеҳрӣ дар мавриди ишқ ва баёни он дар ашъорашон вижагиҳоро барои ишқ шумурдаанд, ки дар мавриди муштарак ва мутафовут аз ҳаманд. Аз ҷумла, асоситарин тафовутҳое, ки ин ду дар вижагиҳои ишқ доранд, он аст, ки дар ишқ Мавлоно дар ашъораш зуҳури Худоро зиёд дорад, ба тавре ки «ишқи бидуни Худоро ҳаргиз ишқ намедонад, мазҳари ишқро Худо медонад. Дар ҳоле ки ишқи Суҳроби Сипеҳрӣ ниёзи ботинии Сипеҳрӣ аст ва водор месозад то бо берун аз хеш аз тариқи шинохт ва ирфон робита эҷод кунад. Ишқи он муҳаббати илоҳӣ аст, ки фақат ба инсон ҳадя шудааст. Чун ишқ ягона роҳи ҳалли ихтилоф ва расидан ба хушбахтиҳо аст.

Яке аз мавзӯъҳои муҳими адабиёти форсӣ ишқ аст. Ишқ бо тамоми ҷузъиёташ дар ашъори шоирон аз Рӯдакии Самарқандӣ шурӯъ шудааст. Ҳеч шоире нест, ки назари худро дар ин замина баён накарда бошад. Дарвоқеъ иштибоҳ нахоҳад буд, агар бигӯем, ки шеър ҳосили ошиқ шудан аст.

Ашъори амиқ ва мафҳуми Мавлоно дар бораи ишқ тарафдорони зиёде дорад, ки имрӯз ҳама ҷаҳон осори ӯро таҳсин мекунанд, борҳо шеърҳои ӯро мехонанд ва мешунаванд. Бо мусиқии каломи руҳангезаш мерақсанд. Зеро ӯ ишқи инсониро бо ҳама фарозу нишебҳояш дар осораш баён мекард.

Суҳроби Сипеҳриро яке аз шоири барҷастаи адабиёти нави форсӣ медонанд, ки дар шаклгирии шеъри нави форсӣ нақши босазое дорад ва алорағми ин, ки осораш дар замони ҳаёташ мавриди интиқод қарор гирифта буд, аз пурхонандатарин ва маҳбубтарин шоири муосир ба шумор меравад.

Шеъри Мавлоноро баландтарин қуллаи шеъри ирфонӣ дар адабиёти классикии тоҷикӣ-форсӣ медонанд, навиштаҳои Сипеҳрӣ дар адабиёти модерн саршор аз муҳтавои фалсафӣ ва ирфонӣ аст ва шоир дар ҳар як аз шеърҳои худ ба гунае ба мавзӯи ишқ мепардозад.

Ишқ ниёзи дарунии Сепеҳрӣ аст ва ӯро водор месозад то ба берун аз хеш аз тариқи шинохт ва ирфон робитае эҷод кунад. Аммо шинохти ишқ осон нест, ба хусус, ки тариқи ишқ душвор ва шарҳи он сахт аст.

*Даст аз домони шаб бардоштам,*
*То биёвезам ба гесуи саҳар.*
*Хешро аз соҳил афкандам ба об,*
*Лек аз жарфои дарё бехабар.*

Ин шеър шабоҳат ба шарҳи ишқ дар назди Мавлавӣ дорад:

*Дарнагунҷад ишқ дар гуфту шунид,*
*Ишқ дарёест қаъраш нопадид.*

Ҳеч шоире дар адабиёти форсӣ нест, ки аз осори Мавлавӣ баҳра набурда бошад ва албатта таъсири осори онро дар ашъори шоирон низ метавон эҳсос кард. Сепеҳрӣ низ аз ин ҷумла шоире аст, ки бо вуҷуди сурудан ба сабки шеъри нав ва қарор додани зиндагии замони худ дар маъраз таҳлил ва пажуҳиши ҳунарӣ, то ҳудуде аз осори Мавлоно баҳра бурдааст. Бавижа, дар истифода аз мусиқии калом дар шеър, ҳалли мазмуни динӣ, руй овардан ба муҳтавои осори намояндагони тасаввуф аст. Масалан, ҳунари саҷъ дар ғазалиёти Мавлоно он қадар ба кор рафта, ки дар осори шоирони дигар хеле кам дида мешавад.

Сипеҳрӣ ин навъ ҳунарро дар шеъри ҷадиди худ таҷриба кард. Бо хондани бархе аз шеърҳои ӯ ҳолу ҳавои шеъри Мавлоно дар зеҳн мегузарад.

Илова бар ҳамаи ин мавзуъоте аст, ки дар ашъори ин ду шоири бузург бо дурустӣ ҳал шудааст ва ё яке аз онҳо мавзӯи ишқ аст.

Росташ, Мавлоно ҳама ашъорашро дар асари ишқ бо Шамс суруда ва Шамс аст, ки дили шоири мазкурро бедор карда ва қалами ӯро ба кор андохтааст. Беҳуда нест, ки мегӯяд:

*Ошиқӣ пайдост аз зории дил,*
*Нест беморӣ чу бемории дил.*
*Иллати ошиқ зи иллатҳо ҷудост,*
*Ишқи устурлоб асрори Худост.*

**(Давомаш дар саҳ.4).**

# ДАР БАНГАЛОР БАХШИДА БА ИМКОНИЯТҲОИ САЙЁҲИИ САМАРҚАНД ҶАШНВОРА БАРГУЗОР ШУД

***Ҷашнворае, ки дар Бангалор якҷо бо сафоратхонаи кишвари мо дар Ҳиндустон, намояндагии Ҷамъияти саҳҳомии «Uzbekistan Airways» дар Деҳлӣ ва ширкати «The Tribe & Co» ташкил гардид, номи «Роҳ сӯйи Самарқанд»-ро гирифт.***

Чорабинии байналхалқӣ дар меҳмонхонаи «Jayamahal Palace»-и шаҳри Бангалор ба амал омад. Майдончаи ҷашнвора бо нақшу нигоре, ки фарҳанг ва имкониятҳои сайёҳии Ӯзбекистонро инъикос мекунанд, ороиш ёфта буд. Иштирокдорон ва меҳмонон бо эътибори зиёд оҳангу рақсҳои миллиро шуниданд ва бо намунаҳои ҳунари халқӣ, ки Иттиҳодияи «Ҳунарманд» пешниҳод кардааст, шинос шуданд.

Ба ду ғолиби саволу ҷавоб доир ба Ӯзбекистон барои тамошои кишвари мо билетҳои авиатсоние, ки ҷамъияти саҳҳомии «Uzbekistan Airways» тақдим карадааст, супурда шуданд.

Бинобар суханони созмондиҳандагони ҷашнвора чорабиниро беш аз 15 ҳазор меҳмонон тамошо карданд.

Бангалор маркази маъмурии иёлати Карнатака буда, бинобар бузургиаш шаҳри сеюми мамлакат маҳсуб меёбад. Шаҳр аз ҷумлаи шаҳрҳои технологӣ ва маркази IT Ҳиндустон ба шумор рафта, онро аксаран «водии дуюми силиконии ҷаҳон» меноманд.

Ҷашнвора дар расонаҳои ахбори оммавии Ҳиндустон васеъ равшан карда шуд. Дар Карнатака ва иёлатҳои ҳамшафати он зиёда аз 300 миллион нафар зиндагӣ доранд.

**АИ «Дунё»,**
*шаҳри ДЕҲЛӢ.*

# ИСТЕЪДОД АЗ ЗАҲМАТ САЙҚАЛ МЕЁБАД

***Ҳомит Орипов, устоди саҳна ва актёри драмаи театри мусиқию драмавии вилояти Сурхондарё 20-уми июли соли 1956 дар мавзеи Шӯрсойи ноҳияи Бойсун чашм ба дунё кушодааст. Пас аз хатми мактаби зодгоҳ соли 1972 ба Донишкадаи театр ва рассомии Тошканд дохил шуда, ин даргоҳро соли 1977 бо ихтисоси актёри драма ва кино хатм кард. Дар сафи Неруҳои Мусаллаҳи Иттиҳоди Шӯравӣ хидмат кардааст, то соли 2018 дар Театри мусиқавию драмавии вилояти Сурхондарё ба сифати актёр, директори театр, солист-вокалисти тоифаи олӣ, актёри тоифаи олии театр кору фаъолият кард. Аз соли 2018 ба ин сӯ устоди саҳна ва актёри драмаи театри мусиқию драмавии вилояти Сурхондарё мебошад. Дар муддати чилу чор соли ҳузур дар саҳнаҳо ҳудуди 100 нақшро бозида, ба маҳбубияти тамошобинон мушарраф гаштааст. Артисти хидматнишондодаи Ӯзбекистон, соҳиби нишони сарисинагии «30-солагии Иқтиқлол» мебошад.***

Суҳбати хабарнигори «Овози тоҷик» бо ин марди фарҳангӣ ва ҳамеша дар такопӯй бо суоли зер оғоз гардид.

**– Зиёдтар аз 100 нақши асосии песаҳоро бозидан ба ҳар актёр насиб намекунад. Ин амал заҳмату машаққати фаровонеро тақозо месозад ва албатта, ба истеъдоди худододии актёр вобаста бошад. Пас, шумо ҳам соҳиби чунин истеъдоде ҳастед?**

– Бузургон дар як ақида қоиланд: – Худованд ба ҳар бандааш як дарсад истеъдод ато мекунад. Боқӣ наваду нӯҳ дарсадашро худи кас дар бадали машаққат ва ранҷҳои фаровон соҳиб мегардад. Ин ҷониб ҳам то сайқал ёбам, басо ранҷ бурдаам. Пайваста омӯхтанҳо, муттасил тамрин карданҳо, шабҳои бедорхобӣ... эҳ, чӣ қадар азоб кашидаам, танҳо Парвардигор шоҳид. Агар зиёда сайқал бидиҳӣ, санги одии қади кӯча ҳам чун лаъл ба ҷило меояд. Рост, аммо мақоми лаълро нахоҳад гирифт. Ин ҷо муроди ман он аст, ки шахси эҷодкор набояд аз заҳмат битарсад.

**– Оё заҳмати актёри театр имрӯз ба таври дилхоҳ қадр мешавад?**

– Мо натиҷаи меҳнати худ, ҳусну қубҳи онро дар чашмони аз фараҳ лабрез, ё нигоҳи сарду берӯҳ ва ба истеҳзои тамошобинон мебинем. Вақте намоишнома поён меёбад, мо дар саҳна саф мекашем ва барои он ки тамошобин вақти қимати худро дареғ надошта, ба дидани асари саҳнавии мо меояд, таъзим мекунем. Ин лаҳза бисёр лаҳзаи нотакрор аст. Агар асар аз дили тамошобинон ҷой гирифта бошад, чунон кафкӯбӣ ва хушнудӣ мекунанд, ки мо худро дар осмони ҳафтум тасаввур мекунем. Магар аз ин баланд мукофоте ҳаст?!

**(Давомаш дар саҳ.4).**




## ГУЛБАРГҲО

*Салом, аз фасли зебои баҳорон,*
*Салом, аз қатраҳои софи борон.*
*Салом, аз роҳи ҳаҷ, аз моҳи рӯза,*
*Салом, аз кулли ёру ғамгусорон.*

***

*Наварӯсам дар баҳорон таъзимам аз баҳри борон,*
*Баҳри ёрони накӯям, дар гулу дар сабзазорон.*
*Зикр бар дил, ханда дар лаб, рашки гулҳои баҳорам,*
*Сад салому сад таманно, баҳри ёрон – дӯстдорон.*

***

*Бошад, ки аз сӯрохии ҷаннат назар кунам,*
*Аз ҷазбааш ба олами фонӣ хабар кунам.*
*Фурсат чу даст диҳад, дар ин шоми рӯзгор,*
*Бар олами фариштагон азми сафар кунам.*

***

*Дарахти сабз, бошам ғарқаи гул,*
*Ки нозад ошиқи шӯрида – булбул.*
*Димоғи раҳгузарро атр бошам,*
*Бурун оям ман аз пероҳани гул.*

*Ва ё дар боғ бошам себу ангур,*
*Ва ё рӯҳе, ки танҳо мехурад нур.*
*Ҷавобам бар Худоям гардад осон,*
*Ба рӯзи ҳашр бошам бо дили пур.*

**Саидаи СИНАВӢ.**



Сурати манзаравии **Т. ХОВАРӢ.**

## ЯК ҚАТРА

*Баҳори тозаҷавлон омад, омад,*
*Арӯси гулбадомон омад, омад.*
*Бишуд дунёи кӯҳна тозаву нав,*
*Ки ҷони тоза бар ҷон омад, омад.*

**Абдуқаҳҳори МӮСО.**

## ЛАТИФАҲО

Ду дӯст бо ҳам вохӯрданд. Яке пурсид:

– Дар дасти ту чист?

Дуюмӣ ҷавоб дод:

– Китоби электронӣ.

Дӯсташ:

– Чӣ, ту аз баҳри хондан баромаданӣ?

***

Ду нависанда дар боғ гаштугузор доштанд. Яке ба дигаре гуфт:

– Чунин ба назар мерасад, ки эҷодиёти моро мавриди омӯзиш қарор додаанд.

Дуюмӣ ҷавоб дод;

– Ту ба бемории паранойя (як навъ бемории рӯҳӣ) гирифтор шудаӣ...

Тарҷума ва таҳияи
**К. ҲАКИМЗОДА.**

*Адаш ИСТАД*

# САВДОИ МОШИН

*(Ҳикоя)*

Профессор Мавлон Амон баногоҳ дар хона эълон кард, ки «Мерседес»-и кӯҳнаи худро мефурӯшад.

Занаш эътироз кард:

– Бору бисотамон ҳамин як мошин аст, нафурӯшед. Нафақаамон ба рӯзгор мерасад. Ба чизе зор нестем.

– Аммо ин наберадисарамон мошинро мешӯям гуфта, маро фиреб карда, ба кӯчаи сермошин бароварда истодааст. То мошиншӯйхона роҳ анчекак. Худо нахоста ягон фалокат нашавад мегӯям,– гуфт профессор.

– Пир шудем, мошин ҳар замон даркор мешавад,– гуфт занаш,– аммо баъди ин гапи шумо дар дили ман ҳам алав афтид, охир ин набераамон ҳоло наврас аст ва ҳуқуқи мошин рондан надорад.

– Ғам нахӯр,– гуфт Мавлон Амон,– кӯчаву роҳҳо пур аз таксӣ. Роҳкирояшон – арзон.

Баъди он ки кампираш розӣ шуд, профессор бо дили пур «Мерседес»-и нимдоштро, ки як писари амрикоияш пулашро додааст, ба мошинбозор бурд. Мошинбозор берун аз шаҳр дар як дашти калон будааст. Ин ҷо пеш ахлотхонаи шаҳр буд ва роҳбарон барои нест карданИ он бисёр андешида қарор доданд, ки болои ахлотро бетонпӯш карда ба мошинбозор табдил диҳанд.

Мавлон Амон, вақте ки аз баландӣ ба майдони мошинбозор сарозер мешуд, дид, ки теъдоди мошинҳо аз саршумори мардуми Самарқанд бештар аст. Баъди ворид шудан ба бозор фаҳмид, ки харидор яктою мошин садто, аммо даллолҳо, ҷаллобҳо беҳисоб.

Мошини ӯ дар майдони тамғаҳои хориҷӣ ва мошинҳои коллексиявӣ ҷой гирифт. Дар паҳлӯи «Москвич»-и бисёр нагаштагӣ, яъне коллексионӣ. Яъне ба ин майдон барои харидани мошин асосан сарватмандон медаромадаанд. Профессор аз равоншиносӣ низ дарс медод ва зуд фаҳмид, ки ин ҷо фанду фиреби зиёдест. Қувваи шунавоии хуб дошт ва шунид, ки яке аз даллолҳо телефонӣ ба кадоме маълумот медиҳад: як кас мерси шашсадӣ овард, аз афташ профессор барин, ман як бор баромадашро аз телевизор дида будам. Инҳо бозор чист намедонанд, ба ними нарх харидан мумкин. Шербачаҳоро ба кор андозед.

Сонӣ даллолу ҷаллобҳои маккор яке паси дигар омада «мерседес»-ро он қадар ба замини сиёҳ заданд, ки профессор, бо вуҷуди равоншинос буданаш, қариб буд бовар кунад. Хулласи калом, мошини беҳтарини бозорро «банкаи чорчархаи кӯҳна, сазовори металлолом» номиданд.

Профессор аз ин ҳол хеле зиқ шуд. Мошинро дар нияти баровардан буд, ки як бонуи зебои хушлибос пайдо шуд, дар гӯшҳо гӯшворҳои алмосӣ, панҷаҳо пури зевар.

– Муаллим, чӣ мехаред? – гуфт он бону.

– Ээ... Фаттона ин туӣ? – қариб нашинохтам,– гуфт профессор.

– Ҳама некиҳотон дар дилам,– гуфт Фаттона. – Охир шумо ба мани камсавод доим «се» монда, диплом гирифта додед. Сонӣ боз дар ҳокимият кор ёфта додед. Раҳмат ба шумо. Ман аз шумо қарздор.

– Дар ёдам нест, ман ҳеч гоҳ аз донишҷӯйи бадхон пул намегирифтам.

– Медонам, малимҷон, барои ҳамин бору бисотатон ҳамин мошинкӯҳна.

– Ту ҳоло дар куҷо кор мекунӣ?

– Ба як фирмаи бой гузаштам. Ба номаш котиба. Дар амал маъшуқаи шеф. Яъне зани дуюм. Хонешба якта нон барад, манба дута метияд.

Мавлон Амон ба рӯйи ин ҷавонзан зеҳн монда дид, ки чеҳрааш ҳама аз сурхию сафедӣ иборат, абрӯйи табииро пурра тарошида болотар бо сиёҳқалам абрӯи нав кашидагӣ, мижгонҳо низ аз ҳад зиёд, маснӯӣ барин. Лабҳо варамида дорад. Хуллас аз ҳусни табиӣ чизе намондааст.

– Ба ту чӣ шуд, духтарам, ин қадар рангу бор кардаӣ? – ногоҳ аз даҳони муаллим баромад ин суханҳо.

– Замон замони реклама, муаллимҷон, реклама накунам, шавҳарам аз пушти танноҳо метозад. Ҳоло ба ин даллолу ҷаллобҳо пул дода мошинатона реклама кунонед, зуд ба фурӯш меравад.

– Ин ҷо тахмин ким-чӣ хел фиребгарӣ будагӣ барин, – гуфт профессор, – мошини маро агар худат харӣ, бурд мекунӣ.

Ҳамин вақт даллоле наздик омада гуфт: «Э, Фаттонахон, ин шумоед? Нашинохтам, бой мешавед. Чӣ хелаш даркор, зуд савдо карда ба нисфи нархаш харида медиҳем.

– Ин ҷо ду мошин истодааст. – «Москвич» ва «Мерседес». Кадомаш нағз?

– Албатта «Москвич» беҳтар. Редкий экземпляр. «Москвич»-ро як-ду сол нигоҳ медоред, лекин савор намешавед, баъд ба коллексионерҳо даҳ баробар зиёд аз нархи худаш мефурӯшед.

– «Мерседес» мошини беҳтарини ҷаҳон, – гуфт Мавлон Амон, – ин хел мошин кӯҳнашавӣ надорад. «Мерседес» – аспи ҷав хӯрдагӣ, «Москвич» – хари хасхӯрдагӣ!

– Аз аспи пир хари ҷавон беҳтар аст, – гуфт Фаттона ва «Москвич»-ро харида савор шуда рафт.

Баъд як харидори сарватманд пайдо шуда гуфт: – Бед, бе ҳамин даллолҳои маккор худамон мувофиқа мекунем. Аз нархи «Мерседес»-и нави магазин ҳазор доллар кам. Розиед шумо?

– Неъ! – гуфт профессор, – ман акнун қимати ҳақиқии ин аспамро фаҳмидам. Ба ин асп мисли он ки ба кампирам одат кардаам, дил бастаам.

Ӯ ба «Мерседес» савор шуда бо суръати тез ба ҳавлиаш расид, мошинро ба гараж дароварда, қулф кард ва калидро ба занаш дода гуфт: – Инро пинҳон кун!

– Мардак, харидор пайдо нашуд? – пурсид занаш.

– Ман онҳоеро, ки ба ман хидмат кардаанд, намефурӯшам! – гуфт Мавлон Амон.

Занаш наздик омаду аз рӯйи шавҳараш бӯсид.

Мавлон Амон бо як оҳанги пур аз дард гуфт: – То вақте ки мо бо мошину хонаҳои боҳашаму тӯйҳои осмонкаф обрӯ гирифтан мехоҳем, одам намешавем.То вақте ки чунин аст, инсонҳои донишманд, ҳалолкор обрӯ ёфта наметавонанд. Ин дар мошинбозор ба ман бештар аён шуд.

# ИСТЕЪДОД АЗ ЗАҲМАТ САЙҚАЛ МЕЁБАД

(Аввалаш дар саҳ.3).

**– Дар ҳаёти берун аз театр чӣ? Мардум ба шумо чӣ навъ бархӯрд мекунанд?**

– Дӯстамон медоранд. Мо гули сари сабади анҷуманҳо, маъракаҳои рӯзи шодии мардум ҳастем. Аммо аҳли тақво ҳунари моро хуш надоранд. Мегӯянд, ки дар назди дину диндорон пешаи мо манзалате надорад. Чӣ илоҷ, панҷ ангушт баробар нест. Аммо мо гила надорем. Бо офаридани образҳо симои шахсиятҳои таърихиро дар байни мардум тарғиб мекунем, аз хидмати онҳо дар назди ватан, миллати азизамон мегӯем, қаҳрамонҳои асарҳоро, ки таҷассумгари хислатҳои неки инсонӣ ҳастанд, тарғиб мекунем. Бо намоиш додани образҳои шахсони бадкирдор ба одамон мефаҳмонем, ки кадом амал савобу равост, кадомӣ гуноҳу мубост. Хуллас, тамошобин шоҳиди муборизаи образҳои хайру шар шуда, худ ба хулосае меояд, ки ҷонибдори кадом қуввае бошад. Мо ҳам дар маҷмӯъ тарбиятгари ҷомеа ҳастем.

**– Фаъолияти кории шуморо ба ду бахш метавон ҷудо кард: – то истиқлол ва баъди он. Кадом давраро бештар меписандед?**

– Замони истиқлолро! Дар ин давра имконоти мо васеътар гашт. Бештар рӯйи асарҳое кор мебарем, ки ба худшиносӣ ва худогоҳии миллии мо рабт доранд. Аммо мо фарзандони замони пеш аз истиқлол ҳастем ва ҳунари актёриамон дар он замонаҳо сайқал ёфта, бо таҷрибаи бойе вориди марҳилаи нави эҷод гаштем.

**– Чаро маҳз актёри соҳаи театр шудед? Кино беҳтар набуд?**

– Ҳаёти театр дигар аст. Ин ҷо актёр бо тамошобин чашм бар чашм сӯҳбат мекунад, дар назди мухлисони бешумори худ нақш офаридаву рӯҳияи онлаҳзаинаи онҳоро ҳис мекунад. Аз имову ишора, гиряву ханда, баъзан ҳатто аз носазои нохост аз забони онҳо берун омада мефаҳмад, ки нақши бозидааш ба тамошобин чӣ қадар таъсир кардааст. Актёр дар ҷилди қаҳрамон ҷой гирад, нақшаш муассир мебарояд. Дар замони донишҷӯӣ чандин маротиба барои иҷрои эпизодҳои ин ё он филм ширкат кардаем, аммо ба ман театр бештар писанд омад ва бо гузашти солҳо ҳанӯз ҳам дар ҳамин ақида устувор ҳастам.

**– Кадом нақшҳоро хуб иҷро кардаед?**

– Дар асари «Алишер Навоӣ» образи ҳазрати Навоиро бозидаам, даҳҳо бор ин нақшро иҷро кардаам ва хеле дӯсташ медорам, дар песаи «Адиб Собири Тирмизӣ» образи шоирро ва барои бозидани нақши Адиб Собир барандаи мукофоти ба номи Адиб Собири Тирмизии Иттиҳодияи касабаи вилояти Сурхондарё гаштам, боз образҳои Исмоили Сомонӣ, Алпомишро метавон ба тариқи мисол овард, ки дар дили мани актёри театр якумрӣ боқӣ хоҳанд монд. Умедворам, аз хотири тамошобинон низ зудуда нахоҳанд гашт.

**– Оё ба кишварҳои хориҷа низ сафари ҳунарӣ доштед?**

– Бале. Соли 2007 ба Тоҷикистон рафтем ва дар фестивали театрҳои академии мамолики кишварҳои Осиёи Марказӣ, ки таҳти унвони «Наврӯз – 2007» баргузор гардид, ширкат доштем. Соли 2008 дар Миср, соли 2010 дар сеюмин фестивали театрии Академии байналхалқии давлатҳои Осиёи Марказӣ дар Қазоқистон низ сафарҳои ҳунарӣ доштем. Дар он кишварҳо бо баргузории намоишномаҳо санъати миллии театрии ватанамонро ба намоиш гузоштем.

**– Дар шаҳри Тошканд таҳсил кардаву чаро дар театрҳои номаш баланди он шаҳри азим намондед?**

– Вақте олигоҳро хатм кардам устод Тоҳирҷон Исломов, сарвари факултаи мо, марди дар донишу фарҳанг беназир гуфт, ки «Ҳомит, барои ту аз режиссёри театри мусиқию драмавии «Ёш гвардия» Бахтиёр Ихтиёров дархост омадааст, ки дар Тошканд мемонӣ! Аммо мо се нафар ҳамсабақ – ман, Бозор Рамазонови ҳамсинфам ва Марат Шарипови бухороӣ ният доштем, ки ба Тирмиз баргардем ва ҳунари худро дар театри ин ҷо сайқал диҳем. Вақте ман даъвати театри «Ёш гвардия»-ро рад кардаву ҳамроҳи дӯстонам ба Тирмиз омадам, ҳама ҳайрон шуданд. Аммо декани факулта не: – Шумо патриоти замон, албатта, дар кори санъати театр тавфиқ меёбед , – гуфта буд он устоди дурандеши мо. Устоди дигари ман Нина Иванова таъкид кард, ки гирди чойхонаҳо зиёд нагардам, бештар омӯзам. Вай ба истеъдоди ман боварӣ дошт. Ин тавр, тақдир ман ва дӯстонамро ба шаҳри соҳили рӯди Ому – Тирмиз овард. Мо – се дӯсти ҷониро директори онвақтаи театр, Арбоби санъати Ӯзбекистон Мансур Равшанов хуш пазируфт. Дигар ба ҷое нарафта, 44 сол ин тараф дар Театри мусиқиву драмавии вилояти Сурхондарё кор мекунам.

**– Аввалин нақши офаридаи худро дар теарти мусиқию драмавии Сурхондарё ёд доред?**

– Аввалин нақш... Коргардони театр Неъмат Пардаев аз рӯйи асари «Киштии сафед»-и Чингиз Айтматов песаи хуберо рӯйи саҳна овард ва ман дар он нақши як ҷавонро бо номи Қулибек бозида будам. Баъд эътимоди ҳампешагон зиёд шуда, раҳбарон нақшҳои мураккабро пешниҳод карданд.

**– Ҳомитака, чӣ тавр меҳри актёрӣ дар дили шумо ҷой гирифт? Шояд аз ҷавонӣ орзу мекардед...?**

– Вақте мактабхон будам, орзу доштам, ки духтур шавам, ё ҳуқуқшинос. Аммо баъди як воқеа аз ин орзуҳо гузаштаву дар дил меҳри касби дигареро парваридам. Дар синфи 9-уми мактаб мехондам. Устодамон Қодир Назар як песаро дар бораи Абдулло Набиев – ҷавони муборизу шуҷоъ, ки дар роҳи ғояҳои инқилобӣ ҷон нисор кардааст, дар саҳнаи мактаб гузошт. Ман нақши Абдуллоро бозидам. Аз нақшофарии мо – хонандагон аҳли толор, хусусан ҷамоаи омӯзгорон чунон ба ваҷд омаданд, ки аз истиқболу пазироии гармашон хушам омад. Хоса, маро самимона табрик мегуфтанд, гоҳ рӯ ба рӯ, гоҳе дар ғайбам таъриф мекарданд ва ҳатто ошкору ниҳон ташвиқ менамуданд, ки пас аз хатми дабистон ҳатман актёр шавам. Ин тавр, аз ҳамон лаҳзаҳо сар карда дунёи мани ҳанӯз шогирди дабистон мутлақ дурахши дигар ёфт – орзуи актёр шудан дар дили ман маҳкам маъво мегирифт. Ман хеле зиёд китоб мехондам – китобҳои бадеӣ! Ва дар олами қаҳрамонҳои ҳамон китобҳо зиста, дар ҷилди онҳо ҷой шуда, ғаму ташвиши дунёро баробарашон бар дӯш мебурдам. Китобҳо он қадар маро ба худ ром карда буданд, ки ҳеч намехостам аз он олами зебо берун оям.

**– Пас, олами рангинкамони адабиёт аз наврасӣ барои шумо шинос буда?**

– Бешак чунин аст. Як воқеаи он айёми мозӣ ҳаргиз аз ёди ман зудуда намегардад. Дар хона як қӯра гӯсфанд доштем, ман онҳоро ба чарогоҳ мебурдам ва ҳатман бо худ китоберо мегирифтам. Аз миёни гӯсфандон яке чун саркарда буд – тагали фарбеҳи думбакалон! Агар ҳамонро дар ҷойе баста монам, дигар ёронаш аз наздаш дур намешуданд. Тагалро бо ресмоне дар алафзори қарибии наҳраки деҳа бастам, ки мудом обаш шӯр буд ва аз ин сабаб мавзеи моро Шӯрсой мегуфтанд. Худ машғули китоб хондан шудам ва чунон ғарқи он дунёи ранга гаштаам, ки беқарории гӯсфандон, ҳатто омадани бародарам Алимро нафаҳмида будам. «Ҳомит, аз ҳоли гӯсфандон ҳам бохабар шав» – гуфт ӯ маро аз он олами мӯъҷиза берун оварда ва худ зуд қафо гашт. Ба чӣ чашм бубинам, ки ҳамон тагал аз баландии лаби сой афтода, гулӯяш дар қайди ресмон овезон меистод ва кайҳо мурда буд. Гӯсфандони дигар парешон шудаанд... Бародарам ва модарам ҳарчанд аз ин кирдори ман андак хафа шуданд, аммо сахт ҷанг накарданд. Бародарам худ китобхони гузарое буд ва дар китобхонаи деҳаву ноҳия китобе намонда буд, ки нахонда бошад. Шавқи китобхонии маро дида, ҳатто аз барои талаф ёфтани он дороии хонадон ҳарфи беҷое ҳам нагуфт. Табассуми зебо дар лаб ба сари китфам бародарвор даст гузошта:

– Ту, доноча, дар китобхонӣ аз ман ҳам гузаштӣ. Офарин! – гуфт вуҷудаш ба ҳисси ифтихор пур шуда.

Модарам, Худо раҳматашро бедареғ бубахшад, бо як ҷумла гап иктифо намуд:



– Ҳеч боке надорад, писарам, муҳим сари худат дар амон аст. Балогардони аҳли хонадон шудааст он тагал, – шояд қазову қадарро дар назар дошта, гуфта буд модари дар тимсол бебаҳо, зани фариштахисоли деҳотӣ. Тӯтӣ ном дошт модари ман ва он қадар ширин сухан мекард, ки умрам дар шонаи ҳафтод сар суда, то ҳол чунин бонуи ширинсуханро дучор наомадаам.

**– Албатта, бародари китобдӯстатон – Алим бо он қадар мутолиа соҳиби ягон касбӣ хубе шудагист?**

– Бародарам (ба давлати пирӣ расида, чанд сол муқаддам ба ҷавори Ҳақ пайваст, равонаш шод бод) ҳама орзуҳои худро қурбони аҳли хонадон кард. Вақте ман дар синни шаш будам, ӯ ба курси аввали Донишкадаи тиббии Тошканд шомил шуд. Аммо аз қазо саробони хонадони мо – падарам аз дунё гузашт. Вай дар набардҳои мудҳиши ҷанги алайҳи фашистон ширкат карда, бо як дасти маҷрӯҳ ба зодгоҳ баргашта буд. Ин тавр, бародарам Алим хонданро қатъ карда, барои саробонии оила ба зодгоҳ баргашт ва умри худро ба хушбахтии ману хоҳаронам бахшид.

Ман соли 1972 ба Донишкадаи театр ва рассомии Тошканд дохил шуда, панҷ сол хондаву инак ба орзуҳои дил расидаам.

**– Барои суҳбати пурмуҳтаво ташаккур.**

– Саломат бошед.

**Шариф ХАЛИЛ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти СУРХОНДАРЁ.*

# ТАСВИРИ ИШҚ ДАР АШЪОРИ МАВЛАВӢ ВА СИПЕҲРӢ

(Аввалаш дар саҳ.3).

Яъне шоир ишқро василае мебинад, ки аз тариқи он асрори Худовандро дарк ва мушоҳада мекунанд.

Суҳроби Сипеҳрӣ гӯё назари Мавлоноро тақвият мекунад ва кори ӯ ошиқ кардани ҳама дилҳо мебошад:

*Ман гиреҳ хоҳам зад, чашмонро*
*бо хуршед,*
*Дилҳоро бо ишқ,*
*Сояҳоро бо об, шохаҳоро бо бод.*

Зеро ӯ ба хубӣ медонад, ки қалб бидуни ишқ наметавонад худ ва асли зиндагиро дарк кунад. Гоҳе пеш меояд, ки ишқ бо марг мухолифат мекунад.

Ба назари ӯ, ҷавҳари зиндагӣ ҳамин ишқ аст, агар ишқ набошад, ин нафас кашидан ранҷи беҳудааст, бидуни ишқ «ҳар хасу хоре» метавонад зиндагӣ кунад. Аммо ин навъ зиндагӣ беҳуда аст, муҳимтарин чиз дар зиндагии инсон бояд мулоқот, кумак ва ишқи мутақобил бошад:

*Зиндагӣ нест ба ҷуз намнами*
*борони баҳор,*
*Зиндагӣ нест ба ҷуз дидани ёр.*
*Зиндагӣ нест ба ҷуз ишқ,*
*ба ҷуз ҳарфи муҳаббат ба касе,*
*Варна ҳар хору хасе зиндагӣ карда*
*басе.*

Сипеҳрӣ дар шеъри «Нишонӣ» ба ҷустуҷӯйи хонаи Дӯст меравад ва нишонаҳои он хонаро ба сурати намодин мегӯяд. Ҳамчунин таъкид мекунад, ки «ба андозаи парҳои садоқат обӣ будани ишқро». Байни ин шеър бо қисмати «Найнома»-и «Маснавии маънавӣ» робита вуҷуд дорад. Яъне дар ҳар ду шеър ошиқ аз ғурбат мегӯяд ва дунболи хонаи дӯст мегардад. Аммо шеваи баёни шоирон комилан мутафовут аст. Қаҳрамони Сипеҳрӣ ба суроғаи хонаи дӯсташ меравад ва аз роҳгузаре нишонаҳои онро мепурсад ва ӯ низ мегӯяд, ки бидуни ҳеч иддаое ба он хона биравад.

Аммо «Най»-и Мавлоно аз «найистон» ҷудо шуда ва мехоҳад ба ҷойи аслии худ бозгардад. Нависандаи маснавӣ дар байти охири «Найнома» мегӯяд: «хом», яъне бехабар аз таҷрибаи ишқ, «ҳолоти расида»-ро намефаҳмад, бинобарин «гуфтор бояд кӯтоҳ бошад». Қаҳрамони ашъори Сипеҳрӣ низ аз «роҳгузар», ки роҳро балад аст, дар бораи хонаи дӯсташ мепурсад ва ба зебоӣ аз ӯ посух мегирад. Марди «убур»-и Сипеҳрӣ намунае аз марди «пухта» аст, ки дар «Маснавӣ» омадааст. Бешак ин «убур» ҳамон ҳудҳуд аст, ки дар «Мантиқ-ут-тайр» зикр шудааст.

Сипеҳрӣ дар шеърҳои ҷудогона ва ду манзумаи бузург «Садои пои об» ва «Мусофир» ба баёни андешаҳои худ дар бораи ишқ ва ҷавонӣ ба он пардохта ва бо тасвири зебоии шоирона, ҷавҳари ишқро тафсир кардааст, ки аз як сӯ нишон аз азамати шоир дорад. Алоқа ба ин мавзӯъ, аз сӯйи дигар маҳорати шоирии ӯро дар шеъри нави форсӣ таъриф мекунад. Дарвоқеъ ин Сипеҳрӣ аст, ки шеъри нави форсиро ба сабку саёқи худ нишон дода ва бештар таҳқиқот дар мавриди зиндагӣ ва ашъори ӯ анҷом мешавад, ки нишон медиҳад ӯ соҳибҳунари аслӣ ва бо унвони фардӣ машҳур ва ошиқ аст.

Бо нигоҳи куллӣ ба тасвири ишқ дар ашъори Мавлоно ва Сипеҳрӣ ба ин натиҷа мерасем: ишқ яке аз мазомини ҷовидонаи адабиёти форсӣ аст, ки дар ашъори намояндаи барҷастаи адабиёти классикӣ Мавлоно ҷойгоҳи вижае дорад ва дар осори Сипеҳрӣ бо чеҳраҳои нав зоҳир мешавад; дар ашъори Мавлоно ишқи воло бештар сутуда шудааст, дар осори Сипеҳрӣ ишқи хоссаи инсон ба муҳити атрофро метавон дид ва шоир низ барои гулу гиёҳ эҳтироми хосса қоил аст; бо таҳлили шеъри «Нишонӣ»-и Сипеҳрӣ маълум мешавад, ки ин шеър бо муҳтавои «Найнома»-и Мавлоно носозгорӣ надорад. Ҳар ду шеър аз фироқ ва ҷустуҷӯи ҷойгоҳи маъшуқ суҳбат мекунад; Сипеҳрӣ тавонист муҳтавои ишқи орифонаро дар қолаби нав арза кунад ва андешаҳои адабиёти классикии форсиро дар ашъори худ идома диҳад.

**Наргис ШОАЛИЕВА,**
**дотсенти кафедраи забони ӯзбекӣ ва адабиёти классикии Шарқи Академияи байналхалқии исломии Ӯзбекистон.**

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
Тожик тилида нашр этилади.

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ
Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.

Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.
Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
ISSN 2010-7757
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-325. Адади нашр 4598 ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6

Суратҳисоби мо дар бонк:
С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.
Муҳаррири навбатдор:
Г. Кабирова.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 21.30

Нишонии мо:
100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.